# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ). Душанбе, 2022.**

Бо шарофати истиқлоли миллӣ дар риштаҳои гуногуни илму маориф ва низоми таҳсилот муносибатҳои комилан нав ва рушдёбанда ташаккул ёфта, ҷойгоҳи илмҳои педагогӣ дар низоми илм ва таҳсилоти ватанӣ аз дастовардҳои амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, пешрафти ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоиёту иқтисодиёт, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва муҳтавои ҳаёти маънавӣ дар ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

Агар ба мафҳуми квалиметрия дар гардиши замон таваҷҷуҳ намоем, он дар афкори башар як равиши тоза аст, ки маъмулан дар нимаи дуюми садаи XX зуҳур кардааст. Вале, агар ба таърихи пайдоиши квалиметрия назар афканем, масъалаҳои басо мубрам ва ҷолиберо метавон мушоҳида намуд. Масалан, Полосин В.В. дар рисолаи хеш «Фихрист» Ибн ан-Надима как историко-культурный памятник X века. дисс. на соиск. уч. степ. канд. истор. наук: 07.00.09 / Полосин, Валерий Вячеславович. – Л., 1984. - 187 с. қайд намуданд: «Мафҳуми «квалиметрия» аслан таърихи басо тӯлонӣ дорад ва онро бешак метавон ба таснифоти илмҳо, ки дар таърихи гузаштаи илми тоҷик ба назар мерасад, нисбат дод. Чунон ки аз сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, таснифоти илмӣ ҳанӯз дар нигоштаҳои олимону донишмандони шарқи исломӣ ба назар мерасид ва намунаи беҳтарини он китоби «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим аст. Бинобар ин, китоби «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим аз он сарчашмаҳоест, ки онро метавон ба ҳайси манбаи квалиметрӣ марбут донист... Ин нуктаро бояд зикр кард, ки муаллиф худ китобдор буд ва ҳамзамон бар муҷалладу тарҷума, китобат ва фурӯши китобҳои гуногун низ машғул буд. Тибқи маълумоти муҳаққиқон Ибни Надим китоберо дар бораи фатҳи дижу қалъаҳо, ки мансуби аҳди Сосониён буд, аз забони паҳлавӣ (порсии миёна) ба арабӣ тарҷума кардааст. Ӯ дар китоби худ «Ал-Феҳрист» аввалин шуда, китобҳои дар замони зиндагиаш мавҷудро, ки омӯхтааст, дар шакли феҳрист тасниф ва таҳия кардааст. Китоб аз шарҳи пайдоиши забону хат, қаламу коғаз оғоз мегардад».

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур собит менамояд, ки дар тӯли беш аз 30 соли охир дар шӯроҳои диссертатсионӣ реестр ё феҳристи ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба илмҳои педагогика таҳия нагардидааст. То имрӯз дар Тоҷикистон оид ба квалиметрия, ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика бахшида шуда бошад, анҷом дода нашудааст.

Аз ин рӯ, муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкур аз зарурияти воқеӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон ва мавҷуд набудани заминаи кофии методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати минбаъд анҷом додани таҳқиқоти босифату самаранок бармеояд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, 12 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф оид ба муҳиммият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро мукаммал мегардонанд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи М. Раҷабзода дорои арзиши баланди илмӣ буда, дар таълифи раҳнамои муҳаққиқ, роҳандозии таҳқиқоти квалиметрӣ ва библиометрии сатҳу сифати китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ-методӣ ба забони давлатӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсилот саҳмгузор мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он»** буда дар он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ кушода шуда, методология ва методҳои роҳандозии чунин таҳқиқот нишон дода шаванд, масъалаҳои мубрами соҳа ошкор гарданд ва моҳияти квалиметрия ҳамчун усули босамари арзёбии таҳқиқоти илмӣ дар педагогикаи миллии тоҷик равшан карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон»** бошад, муаллиф таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистонро ибтидо аз даврони шуравӣ то Истиқлоли давлатӣ, фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои онро дар самти таҳқиқи

проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ, инчунин, таҳқиқоти мавзуи масъалаҳои муосири педагогиро дар таърихи муосири миллатамон – дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертасионӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта ба таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бахшида шудааст.

Боби чоруми диссертатсия **«Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** дар боби мазкур диссертант кӯшиш кардааст, ки ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмиро ҳамчун марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун омили рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз таҳлилу баррасии квалиметрӣ гузаронида, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогиро дар кишвар дақиқ созад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ », ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
академик, ноиби Президенти
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Каримова И. Х.

**Имзои Каримова И.Х. -ро тасдиқ мекунам:**
Нозири кадрҳои АТТ — Саидова М. С.

«10» 06 соли 2022

Нишонӣ: 734025, шаҳри Душанбе,кӯчаи Айнӣ, 126. телефонҳо: 225-84-22, 225-84-20. E-mail: att@maorif.tj, URL: www.aot.tj